**Хулосаи**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-047 – назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Furthermore Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзӯи «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).**

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ густариш ёфта барои ба фазои таҳсилои ҷаҳонӣ ворид шудан шароитҳои муосир ба миён омаданд. Дар кори диссертатсионии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна пажуҳиш ва натиҷагирӣ аз раванди таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Кори диссертатсионии мазкур ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар зерхати амалигардонии равияи шахсиятӣ – фаъолмандии мутахассисони оянда таълими забонҳои хориҷӣ қарор дода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** - коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон.

**Вазифа ва мазмуни таҳқиқот** мувофиқ ба соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ мекунад: - банди 1. Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи

байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот; - банди 2. Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фанни забони хориҷӣ дар равандҳои таҳсилотӣ; - банди 3. Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фанни ЗХ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ; - банди 4. мувофиқат менамоянд.

Амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ, дастраси доираи васеъи мутахассисони соҳа гардидани мазумни таҳқиқот имконият медиҳад, ки доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ривоҷ ёфта ба пешрафти педагогикаи мактаби олии касбӣ, таълим, тарбия ва омода намудани мутахассисони ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ мусоидат менамояд. Таҳқиқоти мазкур дорои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони оянда, омӯхтану истифодабарии роҳу усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ, шаклгирии сифатҳои таҳаммулпазирӣ, маҳорату малакаҳои воридшавӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, такмили роҳу усулҳои забономӯзӣ, нақшаю барномаҳои муосири таълими мадад хоҳад расонд. Муҳаққиқ ҳангоми иҷрои кори таҳқиқотӣ ба таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқони соҳавии хориҷию ватанӣ, ки ба масъалаҳои иттилоотикунонии соҳаи маориф, рушди таҳсилоти олӣ (Ю.В. Бойко, И.И. Ганчеренок, В.П. Демкин, С.Д. Еникеева ва дигарон), омӯзиши стратегияи рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши таҳсилоти олии касбӣ (Д. Абакумов, А.П. Владимирова. Ю.Д. Гранин ва дигарон), таърихи инкишоф ва мустаҳкам шудани муносибатҳои Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ, махсусан ба Россия) бахшида шудаанд, таваҷҷухи хоса зоҳир намудааст. Бояд қайд кард, ки таҳқиқотҳои олимони тоҷик, ки онҳо ба ҳамкориҳои олимони тоҷик бо Федератсияи Россия диққати махсус додаанд ( Б. Ғ. Ғафуров, З.Р. Раҷабов, А. Мухторов, Х.Г. Сайфуллоев ва дигарон), оид ба рушди устувори таҳсилоти олӣ ( Ҳ. Зарифӣ, З. Саидов, А. Шарифов ва дигарон), дар соҳаи педагогика, психология, лингводидактика (С.

Абдуллоев, И.Х. Каримова, П. Ҷамшедов, У. Юлдошев ва дигарон) аз нигоҳи муҳаққиқ дур намондаанд.

Ҳангоми амалӣ гардонидани мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ усулҳои умумӣ - илмӣ ва махсус, ки мутаалиқ ба таълим ва шаклгирии салоҳиятмандии донишҷӯёни забонҳои хориҷӣ мебошанд истифода бурда шудаанд; таълими назариявии адабиёти илмию педагогӣ, стандартҳои таҳсилотию барномаҳои омодагӣ аз рӯйи фанҳои касбӣ, усулҳои эмпирикӣ (мушоҳида, тавсир, пурсиш, моделсозӣ), усулҳои омории коркарди маълумотҳо, ташкили кори озмоишӣ – таҷрибавӣ – озмоишӣ, таҳлили таълими озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот иборатанд аз:**

1. Дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд.

2. Методологияи инкишофи ҳамкориҳои байналмилалии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид.

3. Дастовардҳои ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳҳои Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

4. Қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард гардид.

5. Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян ва қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) муайян гардида, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

6. Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард ва пешниҳод гардид.

7. Пешниҳоди низоми санҷиши ташаккулёбии салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ, ки меъёрҳои коммуникативӣ, фарҳангшиносӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва нишондодҳои фарогир аз рӯйи меъёр.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои илмии олимон ва мутафаккирони гузаштаи русу аврупоӣ, таҳқиқоти мутахассисони собиқ шуравӣ, муҳаққиқони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогика, ки ба таҳлили масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва салоҳиятмандии коммуникативӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Муаллиф барои омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни мавзӯъ ба таълифоти педагогии муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили С. А. Абдуллоев, Қ. Б. Қодиров, И. Х. Каримова, А. Нуров, С. Р. Раҷабов, З. Ш. Раҷабов, Б. Тахохов, И. Л. Тупайло, Р. И. Хошимов, А. Шарифов, П. Ҷамшедов, У. Р. Юлдошев, Д. Ашурова, С. С. Авғонов ва дигарон такя намудааст. Дар ин ҷо метавон ба асару мақолаҳои донишмандони тоҷик: Ф. Шарипов, Х. Ғ. Сайфуллоев ва дигарон ишора намуданд, зеро дар ин таҳқиқот аз онҳо ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** ба модели пешниҳодгардида асос меёбад, ки он аз дидгоҳи назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён-бакалаврҳо ва самарабахшии технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми таълими коммуникатсияи байнифарҳангӣ санҷида шуда ба ҳисоб меравад.

Хулосаҳои ҳосилшуда ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои

минбаъдаи илмӣ, инчунин таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва маориф хизмат мекунанд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкилу гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи назария, стратегия ва барномаҳои соҳавӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба илмҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар умум, маҷмӯи андешаҳои зикршуда оид ба мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна навгониҳои илми, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзӯи диссертатсионии мазкур. Гувоҳи он аст, ки раванди ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷа имконияти минбаъд ҳам ривоҷу равнақ доштан, такмил додани стандарту барномаҳои, роҳу усулҳои таълими забонҳои хориҷиро доранд.

Кори диссертатсионии ба талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Тоҷикистон Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ва қарори Ҳукумати Тоҷикистон Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар кафедраи методикаи таълими забони англисӣ иҷро шуда бо қарори ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои методикаи таълими забони англисӣ, кафедраи методикаи таълими забони олмонӣ ва кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст (Суратҷаласа аз 27.02.2024 № 7/1).

Дар хулосаи якҷояи кафедраҳо кафедраи методикаи таълими забони англисӣ иҷро шуда бо қарори ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои методикаи таълими забони англисӣ, кафедраи методикаи таълими забони олмонӣ ва кафедраи педагогикаи умумӣ ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ – методии

раёсти илм ва инноватсияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба мазмун ва сатҳу сифати кори диссертатсионӣ баҳои мусбати ҳаматарафа ва вақеъбинона дода шудааст.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва ба расмият дарорӣ талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ дар чунин интишоротҳои муҳаққиқ ифода гардидаанд, ки онҳо низ ба талаботи банди 34- иқарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ."Дар бораи додани дараҷаҳои илмӣ" мутобиқ мебошад. Феҳристи интишорот 5 номгуи мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгуи мақолаҳои илмии дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ – амалӣ ба таъб расида ташкил медиҳад, ки кулли онҳо аз мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ бармеояд.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони адабиётҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда ҳамоҳанг карда шудаанд ва ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мутобиқат менамояд. Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона иҷро карда шуда он таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида мебошад. Дар диссертатсия робитаи мантиқии бобҳо ва зербобҳо, ягонагии дохилӣ, натиҷагирии илмӣ таъмин гардида хулосаю тавсияҳои арзишманд коркард ва пешниход гардидаанд, ки онҳо маҳорату малакаҳои таҳқиқоти ва саҳмгузории шахсии муҳаққиқиро дар пешрафти назария ва амалияи таҳсилоти олии касбӣ ва методикаи таълиму тадриси забони хориҷиро нишон медиҳад.

Иҷрои талаботҳои Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ ва сатҳу сифати иҷрои кори таҳқиқотиро ба инобат гирифта коммисиси экспертии Диссертатсияи Бобоҷонова мунира Юсуфчоновна чунин қарор мекунад:

1. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо номи мавзуи диссертатсионии мазкур чунин пайгирӣ карда шавад «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ».

2. Диссертатсияи Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзуи «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ».

3. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва паҳкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Кори диссертатсионии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08 –Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад ва ҷавобгӯи талаботҳои Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таълифоти илмии унвонҷӯ ба мавзуи пешбаришуда мувофиқат мекунад.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад:

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

1. **Шоҳиён Нуралӣ Набот**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

2. **Каршиева Гулхумор Гулбаданов**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шаванд .

Барои нашри автореферат ба шумораи 100 адад иҷозат дода шавад .

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, Ашурова Д.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор Рузиева Л.Т.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Маҳкамов М.

Имзоҳои Д. Ашурова, Л.Т. Рузиева ва М. Маҳкамовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои

махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.